# ҲУКУМАТИ ҶУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

## Дар бораи мукаррар кардани иловапулӣ ба маоши шахсони дорандаи унвони илмӣ ва ҷудо намудани маблағ барои баланд бардоштани андозаи хадди ақали подоши хизматии эҷодкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади ҳавасмандии моддии шахсони дорандаи унвони илмӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Аз 1 июли соли 1999 дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони дорандаи унвонҳои илмӣ, ки то соли 1992 рисолаҳои илмиро ҳимоя намудаанд, ба ғайр аз академикҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узвҳои вобастаи ин академияҳо, дар ҷои кори асосии кориашои иловапулӣ ба меъёри 30 фоизи маоши хизмати муқаррар карда шавад, ба шарте ки онҳо мутобиқи ихтисос кор кунанд.

Ба шахсоне, ки рисолаҳои илмиро дар соли 1992 ва солҳои минбаъда ҳимоя намудаанд, иловапулии мазкур баъд аз гузаштани аттестатсия, сар карда аз 1 январи соли 2000 пардохта мешавад.

2. Вазорати молияи Чумхурии Точикистон пардохти иловапулиро ба шахсони дар банди 1 ҳамин қарор зикргардида дар нимсолаи дуюми соли 1999 аз хисоби маблағҳои фонди эҳтиётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амали намояд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мукаррар кардани иловапулӣ ба номзадҳо ва докторҳои илм, инчунин зиёд кардани андозаи ҳадди ақали подоши хизматии нависандагон, муаллифони китобҳои таълими барои мактабҳои хамагони, миёнаи махсус ва оли, рӯзноманигорон ва кормандони рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ҳамчунин офарандагони асарҳои мусиқи, санъати тасвири, хайкалтароши ва дигар эҷодкорон дар лоихаи Буҷети давлати барои соли 2000-ум чудо кардани маблағҳои заруриро пешбини намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 1 июли соли 1999 № 250
ш. Душанбе